Санаи 27 феврали соли 2025 дар толори Макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохияи Зафаробод мулокоти ичрокунандаи вазифаи Раиси нохия Муродзода Муким Каюм бо ходимони дин ва масъулини соха баргузор гардид. Дар мулокот хамчунин муовини раиси нохия – сарпарасти соха, сардори Шуъбаи дар нохия будаи Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Чумхурии Точикистон дар вилояти Сугд, сардори Шуъбаи Вазорати корхои дохилии Чумхурии Точикистон дар нохия иштирок намуданд.

Ичрокунандаи вазифаи Раиси нохия Муродзода Муким Каюм мулокотро огоз намуда, иброз дошт, ки яке аз нуктахои асосии Паёми Президенти Чумхурии Точикистон ба Мачлиси Олӣ ин таъмини сулху субот, вахдати миллӣ ва осоиштагии мардум махсуб ёфта, дар раванди чахонишавӣ ва тахаввулоти чахони имрӯза масъулияти давлат ва чомеаро дар химояи манфиати миллӣ, фазои орому осоишта бештар мегардонад. Ходим они дин низ бояд дар ин чода бетараф набошанд. Гузашта аз он имомони масчидхо масъулияти бештар дошта, хамкориашон бо раисони махалла, нозирони минтаъкавӣ ва ниходхои кудратӣ бояд пайваста ва хамарӯза бошад. Хамзамон, пеш аз хама худи ходимони дин бо амалу рафтор акидаю мавкеъ ва эхтироми арзишхои миллӣ намунаи ибрат бошанд. Хамчунин ба масъули ва ходимони дин дастур дода шуд, ки дар мохи шарифи рамазон бештар мардумро ба мехру окибат, хайру саховат ва росткориву росткавлӣ даъват намуда, аз
дурӯггӯӣ, чахолат, сухани бад ва дигар амалхои зишт дур буданро хидоят намоянд.

Муовини раиси нохия Шарифзода Туйгун оид ба фаъолияти соха хисобот дода иброз намуд, ки дар худуди нохия як адад масчиди чомеи марказӣ, се адад масчиди чомеъ, 27 адад масчидхои панчвакта амал менамоянд. Шумораи кормандони иттиходияхои динӣ 82 нафар ва шумораи чои намоз 7680 адад мебошад. Барои бехатарии намозгузорон тамоми воситахои зарурӣ омода карда шудааст.

Сардори Шуъбаи дар нохия будаи Раёсати КДАМ дар вилояти Сугд Умаров Давлатманд дар баромади худ бештар ба равандхои ноupaтлуб аз кабили ифротгароӣ, шомил гардидани чавонон ба хизбу харакатхои тундрав, моилӣ ба фарханги бегона сухан намуда, оид ба сахми ходимони дин дар мубориза бо падидахои номатлуби номбаргардида андешаронӣ намуд.

Сардори ШВКД дар нохия Идизода Баходур зимни баромадаш кайд намуд, ки макомотхои кудратӣ дар нохия тамоми кӯшишу талошхои худро бахри пешгирии чиноятсодиркунӣ ва конунвайронкунихо равона намудаанд. Ӯ вазъи чинояткорӣ ва конуншиканиро тахлил намуда, таъкид намуд, ки дар пешгирии равандхои номатлуб хамкории макомотхои хифзи хукук ва ахли чомеа, аз чумла ходимони дин мухим мебошад.

Дар фарчоми мулокот бурд ва камбудихои соха баррасӣ гардида, ба масъулин супоришхои мушаххас дода шуданд.